**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Қамчибекзода Гулнора Эшон дар мавзуи «Маърифати педагогӣ-психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: Масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошад, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад.

Ташаккули оила бидуни волидони бомаърифат ғайриимкон аст ва мусаллам аст, ки тарбияи волидони бомаърифат тавассути мактабу маориф амалӣ мегардад. Воситаи дигар-тарбияи ташаккули оилаи солим, якдигарфаҳмии волидону омӯзгорон, қобилияти баланди волидону омӯзгрон ва маҳорату малакаи онҳо дар раванди ташаккули оила хеле муҳим мебошад. Ин раванд водор мекунад, ки насли оянда, бавижа волидони оянда, масъулиятшинос ва бомаърифат бошанд, то фарзандони солиму хушахлоқ тарбия намоянд.

Маърифати педагогӣ – яке аз шаклҳои робитаи дуҷонибаи омӯзгорони муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва оила мебошад. Одатан мафҳуми «маърифат» дар фарҳанги истилоҳоти забони тоҷикӣ ба чунин маъноҳо оварда шудааст: ба маънои шинохтан, дониста гирифтан; ба маънои ҳам дониш ва ҳам илм; ба маънои фаҳмидан ва фаҳмиш; истифода дар мактабҳои динӣ, хусусан дар мактаби суфизм.

Дар рисолаи пешниҳодшуда андешаҳо оид ба масоили назариявӣ ва методологӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту шароитҳои оилаҳои тоҷик, маърифати педагогӣ- психологии волидон дар муссисаҳои таҳсилоти миёна баён шудааст.

Асоси таҳқиқоти унвонҷӯро баррасии озмоишҳои илмию педагогию психологии олимони ватанию хориҷӣ оид ба маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯ дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додаст.

Диссертант мавзуеро барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, ки муҳим ва мубрам аст, зеро **маърифати педагогӣ-психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила** ташкил менамояд.

Бояд қайд кард, ки довталаб бо мақсади баррасии ҳаматарафаи мавзуи таҳқиқот адабиёту осори илмии олимону муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷиро омӯхта, вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониаш таҳлилу таҳқиқ ва кор ба таври густурда мавриди истифода қарор додааст.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуи таҳқиқот асоснок шуда, дастгоҳи илмии таҳқиқот муайян, мақсаду вазифаҳо ва фарзияи кор таҳия, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳо ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда мухтасар ва амиқ муайян карда шудаанд.

Навгониҳои пешниҳодшуда дар рисола ба он арзёбӣ мегардад, ки натиҷаҳои ба дастомада бештар нуктаҳои илмӣ ба ҳисоб рафта, ҷанбаи назариявию амалии кори илмӣ, махсусан фарзияи илмӣва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро инъикос мекунанд. Аз ҷумла:

1. Таҳлили хусусиятҳои муносибатҳои волидон дар оила ва таъсири он ба инкишофи шахсияти хонандагон;
2. Коркарди технологияи нави маърифатнокии педагогию психологии волидон тавъам бо анъанаҳои миллӣ дар таълиму тарбияи оилавӣ;
3. Тартиб додани пурсишномаҳо, таҳлил ва натиҷагирӣ оид ба маърифатнокии педагогию психологии волидон;
4. Таҳлилу баррасӣ ва муқоисаи натиҷаҳои бадастовардашуда оид ба нишондиҳандаҳои маърифатнокии педагогию психологии волидон;
5. Коркард ва пешниҳод намудани тавсияҳо доир ба маърифатнокии педагогию психологии волидон.
6. Ошкор кардани анъанаҳои миллӣ дар тарбияи оилавӣ ҳамчун заминаи ташаккули маърифати педагогию психологии волидон;
7. Кушода додани мушкилоти волидон дар раванди таълиму тарбия тавассути роҳу усулҳои муосири педагогию психологӣ.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки маълумоти илмии бадастовардашударо метавон барои амалигардонии маърифатноккунии волидон, коркарди барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ истифода бурд. Натиҷаҳои таҳқиқотро барои таҳқиқи минбаъдаи мавзуъ дар доираи дигар илмҳо низ истифода бурдан мумкин аст. Инчунин, ин натиҷаҳоро метавон ҳангоми таълими курсҳои «Маҳорати коммуникативии волидон», «Муоширати педагогии волидон», «Муносибатҳои волидон дар оила», «Педагогикаи омӯзгорӣ» ва «Педагогикаи синнусолӣ» ба таври васеъ истифода бурд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо ироаи ин фарзияҳо** муайян карда шуданд:

- таҳлили адабиёти мавҷуда, омӯхтан ва ҷамъбаст намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгорон;
- мушоҳидаи мунтазам ва давомнок ба ҷараёни амалӣ намудани маърифати педагогию психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонанда дар оила, суҳбат бо омӯзгорон, волидон;
- суҳбатҳои фардӣ ва гурӯҳӣ бо волидону хонандагон;
- ба вуҷуд овардани лаҳзаҳои мубоҳисавӣ дар ҷараёни ҷамъомадҳои волидон;
- таҳлили лоиҳаҳои таълимӣ барои хонандагон ва тариқи озмоиш санҷидани масъалаҳои дар фарзия гузошташуда.

Дар муқаддима зарурияту аҳамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши он, асосҳои назариявию методологӣ ва усулҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, фарзия, мақсаду вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот муайян гардидаанд.

**Боби якуми рисолаи илмӣ** «Асосҳои назариявии маърифати педагогӣ-психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила» паҳлуҳои назариявии масъалаи таҳқиқшавандаро мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар он аз ҷумла таъкид гардидааст, ки яке аз роҳҳои баланд бардоштани маърифати педагогӣ-психологии волидон, ҳамкори волидон бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шумор меравад.

**Фасли якум** «Усулҳои муосир оид ба масъалаи маърифати педагогӣ-психологии волидон бо дарназардошти анъанаҳои миллии тарбияи оилавии тоҷикон» ном гирифта, оварда шудааст, ки хирад мисли як пайкарасоз аст, ки инсонро дар руҳияи олами зебоиҳо тарбия мекунад. Ин тарбияҳо аз волидон оғоз мегардад. Ҳар яке волидон бояд ин намудҳои тарбияро ба фарзандони худ омӯзонад, то ки онҳоро аз насл ба насл интиқол диҳанд. Волидоне, ки сатҳи маърифатнокии онҳо баланд ҳаст, ин намуди тарбияро дар фарзандон вобаста ба меъёрҳои гуногун ташаккул медиҳанд.

**Боби дуюми рисолаи илмӣ** «Истифодаи технологияи нави фаъолгардонии равобити оила ва муассисаи таълимӣ ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила» низ аз ду зербоб иборат буда, дар он фаъолгардонии равобити оила ва муассисаҳои тахсилоти миёнаи умумӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар **зербоби якуми** боби дуюм, масъалаи «Омӯзиши вазъи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба маърифати педагогӣ-психологии волидон дар шароити муосир» таҳлил карда шудааст, ки қисмати

назариявӣ ва такя ба таҷрибаҳои кории мактабҳои муосири ватаниву хориҷиро дар бар мегирад.

Муҳаққиқ дар қисмати озмоишии кори таҳқиқотӣ шаклҳо, роҳҳо ва тарзу усулҳоеро роҳандозӣ кардааст, ки дар ииёда сохтани ин масъала шароити мусоидро фароҳам оварад.

Ба андешаи муҳаққиқ дар иртибот бо масъалаи мавриди таҳқиқ қарор додани маърифати педагогӣ-психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила маҳсуб меёбад.

Дар кори илмӣ-таҳқиқотии диссертант нуқтаҳои назари илмӣ-методологӣ ва асосҳои назариявии тарроҳии технологияи нави **маърифати педагогӣ-психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила**ро таъмин мекунад.

Аз таҳлили кори таҳқиқотӣ маълум мегардад, ки довталаб ба мақсадҳои таҳқиқот комёб шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаро ҳаллу фасл кардааст.

Автореферати диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ мебошад ва муҳтавои мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопнамудаи муаллиф мазмуни таҳқиқотро инъикос мекунад. Натиҷаҳои ба дастомадаи муҳаққиқ, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию-методӣ дар кори илми таҳқиқотии унвонҷӯ асоснок карда шудаанд.

Вале барои боз ҳам беҳтар гардидани мазмуну муҳтавои кори таҳқиқотӣ баъзе тавсияҳои хешро пешниҳод менамоям:

1. Хуб мешуд, ки дар кори таҳқиқотӣ ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва оила дар маърифати педагогию психологии волидон мавриди таҳқиқ қарор мегирифт.
2. Дар кори таҳқиқотӣ баъзе ғалатҳои техникӣ мушоҳида мегардад, киислоҳи онҳо зарур мебошад.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии автореферат таъсири манфӣ намерасонанд.

Натиҷаҳои илмии тадқиқотӣ бо пайвандҳои байниҳамдигарии худ ва ягонагии дохилӣ шакл гирифта, дар доираи назарияи илми педагогикаи кишвар, ки фарогири масъалаи гуманизатсияи иҷтимоию педагогӣ, ки дар рушди илми педагогика саҳми босазо гузоштааст арзёби шудааст.

Автореферати диссертатсия бо сохтори амиқ ва мантиқан дуруст будани гузориш фарқ мекунад. Кори илмӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса иборат буда, он дар чорчӯбаи корҳои илмӣ-тадққотӣ бо риоя намудани меъёру муқарраротҳо, талаботҳои пешниҳодгардида дуруст ва босифат иҷро карда шудааст. Муаллиф дар доираи озмоиши ташаккулдиҳанда барномаи

рушддиҳандаеро таҳия кардааст, ки амалинамоии он зарурат ва самаранокии илми педагогикаи Тоҷикистонро асоснок менамояд. Автореферат ва маводи интишоротии муҳаққиқ вобаста ба мавзуи таҳқиқ мазмун ва мундариҷаи диссертатсияро пурра ифода мекунад.

Хулоса, қобили қайд аст, ки диссертатсияи Қамчибекзода Гулнора Эшон дар рушди илми педагогӣ саҳми арзишманд дорад. Натиҷаҳои дар таҳқиқот бадастоварда барои мутахассисон, кормандони соҳаи мутобиқшавии илми педагогика аҳаммияти калони амалӣ доранд.

Диссертатсияи Қамчибекзода Гулнора Эшон дар мавзуи «Маърифати педагогӣ-психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила» ба талаботҳои низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои педагогӣ,
мудири кафедраи психология
ва сотсиологияи идоракунии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалиев Ҷ.Ҷ.

**Маълумот барои тамос:**
734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, info@apa.tj,
ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носиров 33,
Тел.: (+992) (37) 224-17-86.

Имзои Ҷ.Ҷ. Файзалиевро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф.З. Зоирхонзода

30.07.2025